Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Масъалаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла кормандони мақомоти корҳои дохилӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар замони муосир яке аз мақсадҳои асосии давлат ин таъмини шароити зиндагии арзанда барои ҳар як шахс мебошад. Бояд иброз намуд, ки таъмини ҳифзи иҷтимоӣ дар давраҳои таърихии рушди Тоҷикистон дорои як қатор пешравӣ ва норасогиҳо мебошад, ки диссертант бо тадқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии гузаронидааш ба чунин масъалаҳо ибрози андеша менамояд, ки ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат менамояд. Гузашта аз ин, имрӯз тибқи қисми 3 моддаи 1 Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёдӣ давлати иҷтимоиро пеш гирифтааст, ки барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона фароҳам оварда мешавад. Аз ҷониби дигар, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули стратегия ва барномаҳои ислоҳоти милитсия мақсади рушд додан ва мутобиқ намудани фаъолияти милитсияи Тоҷикистонро ба стандартҳои байналмилалӣ ба миён гузоштааст. Яке аз мақсадҳои асосии ислоҳот ин таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва беҳтар гардонидани шароити фаъолият ва некуаҳволии кормандонии мақомоти корҳои дохилӣ ба ҳисоб меравад,

ки бешубҳа анҷом додани тадқиқоти диссертатсионӣ дар ин мавзуъ муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Диссертатсияи А.Ҷ. Собирзода аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Ташаккул ва инкишофи қонунгузории Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (солҳои 1917-2023)» ном гирифта, аз чор зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби мазкур – «Мафҳум, моҳият ва таркиби ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД», муаллиф аз нигоҳи назариявӣ-ҳуқуқӣ бо таҳлили амиқу ҳамаҷонибаи корҳои илмии олимон-ҳуқуқшиносони дохил ва хориҷи кишвар масъалаи мафҳум ва моҳияти ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро баррасӣ намудааст. Гузашта аз ин, аз ҷониби диссертант мафҳуми ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ пешниҳод гардидааст (С. 43), ки дорои баҳои баланди илмӣ мебошад. Дар зербоби дуюми боби якум – «Асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсияи тоҷик дар солҳои аввали фаъолияти он (солҳои 1917-1929)», муаллиф бо назардошти андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ оид ба асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсияи тоҷик дар солҳои аввали фаъолияти он ибрози андеша намудааст. Зимни таҳқиқот муаллиф дуруст баён намудааст, шуруъ аз солҳои 1917 то аввали солҳои 1922 вазъияти иқтисодию иҷтимоӣ дар тамоми ҶШСФР, аз ҷумла ҶШС Туркистон дар сатҳи паст қарор дошта, аз як тараф, ҷанги шаҳрвандӣ, аз тарафи дигар, ҳаракатҳои босмачигарӣ вазъиятро боз ҳам бадтар кардаанд. Бинобар ин, дар ин давра на танҳо ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия, балки, дар умум, ҳифзи иҷтимоии тамоми аҳолӣ дар сатҳи зарурӣ амалӣ намегардид (С. 48). Диссертант дар идомаи таҳқиқоти худ бо такия ба сарчашмаҳои илмӣ давра ба давра қабул гардидани якчанд санадҳои муҳимми ҳуқуқӣ, аз қабили «Декрети ШКХ ҶШСФР «Дар бораи милитсияи шуравии коргару деҳқон» аз 3 апрели соли 1919», «Низомнома дар бораи милитсияи шуравии коргару деҳқони ҶШС Туркистон» аз 19 июли соли 1919-ро асоси рушди ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия дар ин давра арзёбӣ намудааст. Зербоби сеюми боби якум – «Инкишофи қонунгузорӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии

кормандони МКД ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1929-1991)» ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора менамояд, ки инкишофи минбаъдаи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар алоҳидагӣ ба давраи шуравии инкишофи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон рост меояд. Муаллиф, дар зербоби мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми ҳуқуқи шуравиро оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД баррасӣ карда, махсусиятҳои онро муайян кардааст. Гузашта аз ин, А.Ҷ. Собирзода дар сатҳи зарурӣ марҳилаи таърихии ташаккули қонунгузорӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро аз нигоҳи илмӣ баррасӣ намуда, онро ба се давраи таърихӣ: «Солҳои 1929-1940 – марҳилаи инкишофи қонунгузорӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД», «Солҳои 1941-1950 марҳилаи вазнин дар ҳаёти иҷтимоии кормандони МКД» ва «Солҳои 1951-1991 – марҳалаи нави ташаккули қонунгузорӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД» тақсимбандӣ намдааст, ки ҷолиби диқат мебошанд. Зербоби чоруми боби якум – «Рушди қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД (солҳои 1991-2023)» ном гирифта, диссертант марҳилаи таърихии мазкурро ҳамчун нигоҳи нав ба рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин кормандони мақомоти корҳои дохилӣ арзёбӣ намудааст. Зикр карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи муқаррароти нави иҷтимоӣ дар солҳои 1997-2016 дар асоси зиёда аз 15 қонун ва 100 санади зерқонунӣ сурат гирифтааст. Таҳлили санадҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нишон медиҳад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи ниҳоят васеи имтиёзҳои иҷтимоиро пешбинӣ кардааст. Низоми пардохту имтиёзҳои иҷтимоӣ бо зиёда аз 20 санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим гардида, тибқи онҳо давлат ухдадор шудааст, ки ба 36 категорияи аҳолӣ 62 намуди имтиёз, кафолат ва ҷубронпулӣ диҳад (С. 94). Дар силсилаи қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД мавқеи аввалинро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», ки 2 майи соли 1992, №650 қабул ва мавриди амал қарор дода шуда буд, ишғол менамояд. Қонуни мазкур 8 фасл ва 42 моддаро дар бар гирифта, фасли 5-ум, ки сухан дар бораи ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии кормандони милитсия меравад, аз сездаҳ модда иборат аст. Аз ҷумла, аз муқаррароти моддаи 25 бармеояд, ки кормандони милитсия намояндаи ҳокимияти давлатӣ буда, тахти ҳимояи давлат қарор доранд (С. 96). Инчунин, гуфта мешавад, ки қабули «Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020», «Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020» ва «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025» асоси рушди

ҳифзи ичтимоии кормандони мақомоти корҳоидохилиро ташкил медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия – «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии тоҷикистон дар самти ҳифзи ичтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ» ном гирифта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби мазкур – «Сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ичтимоии кормандони МКД», муаллиф дурус иброз менамояд, ки дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ вазъияти сиёсию иқтисодӣ ва ичтимоии кишвар, мутаассифона, дар сатҳи паст қарор дошт. Чунин вазъият кишвари моро дучори як қатор проблемаҳои муҳим гардонида, ба масъалаи ҳифзи ичтимоии кормандони МКД низ бетаъсир намонд. Дар солҳои 90-ум вазъияти иқтисодию ичтимоии кишвар имкон намедод, ки сиёсати ичтимоии муваффақ роҳандозӣ карда шавад, зеро ҳифзи ичтимоии кормандони МКД аз имкониятҳои иқтисодии кишвар вобастагӣ дорад ва дар он вазъият давлат чунин имконро надошт (С. 112-113). Дар асоси таҳлилҳо иброз карда мешавад, ки новобаста аз сатҳи пасти таъмини ичтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, кормандони ин ниҳод баҳри ҳифзи сулҳу суботи кишвар содиқона фаъолияти худро пеш бурданд. Диссертант дар натиҷаи таҳлили анҷомдодаи худ қайд менамояд, ки сиёсати ичтимоӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ, сиёсӣ, иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангию фароғатӣ мебошад, ки аз ҷониби давлат дар асоси заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва роҳандозӣ гардида, баҳри ҳифзи ичтимоӣ ва таъмини гурӯҳҳои алоҳида бо ҳуқуқу озодиҳо ва имтиёзу кафолатҳои ичтимоӣ равона карда шудааст. Аз ин нуқтаи назар, сиёсати давлат дар самти ҳифзи ичтимоии кормандони МКД ҳамчун маҷмуи чораҳои ташкилию ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангию фароғатӣ мебошад, ки аз ҷониби давлат дар асоси заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва роҳандозӣ гардида, баҳри ҳифзи ичтимоии кормандони мақомот нигаронида шуда, ҳуқуқу озодиҳо ва имтиёзу кафолатҳои ичтимоии онҳоро фаро мегирад, арзёбӣ гардидааст, ки мафҳумҳои пешниҳодгардида, сазовори баҳои баланди илмӣ мебошанд (С. 115-117). Зербоби дуюми боби дуюм – «Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти ҳифзи ичтимоии кормандони МКД» ном гирифта, дар он муаллиф ҳифзи ичтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро бо истифода аз усули муқоисавӣ-таҳлилӣ баррасӣ намудааст. Диссертант дар сатҳи зарурӣ таҷрибаи давлатҳои дуру наздик, аз ҷумла давлатҳои ИДМ аз қабили Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Белорус, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова, Туркманистон ва Озарбойҷонро дар самти ҳифзи ичтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мавриди омӯзиш қарор дода, дар баъзе ҷиҳатҳо ҳаммонандӣ ва

дар баъзеи дигар ҳолатҳо фарқиятҳои куллиро муайян намудааст, ки ҷолиби диққат мебошад (С. 131-150). Гузашта аз ин, А.Ҷ. Собирзода дар асоси омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешқадам дар самти рушди қонунгузории ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ таклифу пешниҳодҳои судманд манзур намудааст. Дар зербоби сеюми боби дуюм – «Роҳҳои такмил додани ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар рафти ислоҳоти соҳа», муаллиф таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро асоси рушди фаъолияти ин ниҳод мансуб медонад. Дар замони ислоҳоти соҳа таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ омили муҳим буда, амалигардонии босифати он ҷиҳати ҷиҳати некуаҳволии кормандон ва беҳтар гардидани шароиту натиҷаи фаъолияти кории кормандон мусоидат менамояд. Аз ҷониби диссертант иброз карда мешавад, ки роҳи такмил додани низоми ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД-ро ба 3 қисм тақсимбандӣ намудан мумкин аст: дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқот муайян кардани роҳу механизмҳои беҳтар намудани ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД; ба қонунгузорӣ ворид намудани роҳу механизмҳои муайянгардида ва дар амал татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузорӣ (С. 157). Қайд кардан зарур аст, ки тайи солҳои охир аз кор рафтани мутахассисони соҳа хеле зиёд ба мушоҳида мерасад, ки ҳолати мазкур сабаби аз даст додани беҳтарин мутахассисон, бад шудани ҳолати ахлоқӣ-руҳии ҳайати шахсӣ ва коҳиш ёфтани обрӯю нуфузи умури хизмат дар МКД гаштааст. Аз ин рӯ, беҳтар намудани вазъи ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ яке аз омилҳои асосии пешгирикунандаи оқибатҳои манфӣ дар фаъолияти кормандон дониста мешавад. Вобаста ба ин масъала А.Ҷ. Собирзода бо такия ба андешаи олимон зикр менаммояд, ки дар айни замон яке аз самтҳои муҳимми баланд бардоштани самаранокии фаъолияти оперативӣ-хизматӣ маҳз масъалаҳои татбиқи амалии имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоӣ ба кормандони милитсия маҳсуб мешаванд. Барои таъсиси полиси муосир ва баланд бардоштани нуфузи хизмати ҳифзи ҳуқуқ дар МКД механизми дахлдори ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро ташаккул додан зарур аст. Мустаҳкам намудани кафолатҳои иҷтимоии кормандони милитсия, ташаккули механизми ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявии татбиқи онҳо бояд ба баланд шудани эътибори хизмати полис мусоидат намуда, инчунин ба таъмини волоияти қонун дар соҳаи маъмурӣ, мурофиавӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат намояд (С. 168).

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон муаллиф як қатор хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро

манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии А.Ҷ. Собирзода дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мушкилоти муосири марбут ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик оғоз гардида, бо пешниҳод намудани роҳҳои ҳалли мушкилот ба фарҷом расидааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон, қонунгузории давлатҳои алоҳида дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон, инчунин аз андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистонро ифода менамоянд.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Бояд тазаккур дод, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории қишварҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон асос меёбад.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии А.Ҷ. Собирзода аҳаммияти илмӣ амалӣ дорад. Зеро хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон истифода карда шуда, ҳамзамон барои ҳалли як қатор масъалаҳои назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, ки ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон бахшида шудаанд, мусоидат намоянд. Маврид ба зикр аст, ки истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқӣ маълумотҳо ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон бадастомада мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, таърихи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таърихи мақомоти корҳои дохилӣ, соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва умуман илми ҳуқуқшиносӣ мавҷудбуда, истифода гарданд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати ҳифзи ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аҳаммияти калон доранд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин чараёни таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, таърихи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таърихи мақомоти корҳои дохилӣ ва ғ. истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боқимонда дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Диссертатсияи А.Ҷ. Собирзода дар баробари доштани ҷанбаҳои зиёди мусбӣ, инчунин аз камбудӣ ва масъалаҳои баҳсбарангез низ орӣ намебошад, аз ҷумла:

1. Дар нуктаи илмии 3 диссертант таҳавуллоти қонунгузории ватанӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ба чор давра тақсимбандӣ намудааст. Аммо аз муҳтавои даврабандии мазкур вазъи ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоӣ кормандони МКД чандон аён нест, ки аз ҷониби диссертант дар рафти ҳимояи ошкоро асосноккунии иловагиро тақозо менамояд.

2. Дар банди 3 тавсия ва пешниҳодҳо аз ҷониби диссертант қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи онҳо» пешниҳод карда мешавад, ки дар ҳақиқат аз як ҷониб ҷолиби диққат аст, аз ҷониби дигар бошад, то чи андоза зарурияти қабули чунин қонун ҷой дорад. Оё меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузорӣ дар самти ҳифзи иҷтимоӣ ҷойдоштаи кишвар басанда намебошанд? Дар ин самт мехостам андешаи диссертант ҳангоми ҳимояи ошкоро шунида шавад.

3. Дар асоси матни диссертатсия зербобҳои 1.4; 2.2 ва 2.3 чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар замони муосир нақши ташкилотҳои ғайридавлатӣ, иттифоқи касаба ва шуроҳои ҷамъиятӣ дар ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ва рушди соҳа муҳим мебошанд. Аммо диссертант чунин таҷрибаи давлатҳои хориҷаро бо мақсади ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД самаранокона истифода накардааст, ки як андоза баҳсбарангез мебошад. Вобаста ба ин масъала мехостам андешаи диссертант дар рафти ҳимояи ошкоро шунида шавад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда муҳим буда, мураккаб ва баҳсбарангез мебошанд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун, таҷрибаи давлатҳои хориҷа нуктаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи А.Ҷ. Собирзода ба талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу аст. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Муҳтавои диссертатсия дар автореферат оварда шудааст ва мазмуну муҳтавои онро инъикос менамояд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии

Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи муқаррааргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он Собирзода Аловуддин Ҷабор сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ**:
Сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат
ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобокалон Ғ.М.

Имзои тақриздиҳанда Бобокалон Ғ.М.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори бахши кадрҳо
ва коргузорӣ Шукурова Г.М.
16.10.2024

**Суроға:**
Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13. Телефон: (992 37) 227-47-71. Факс: (992 37) 227-63-64
Почтаи эл.: info@mmk.tj . Сомонаҳо: www.mmk.tj | www.ncz.tj | www.ncl.tj